USAID | TAJIKISTAN
FROM THE AMERICAN PEOPLE

# SUCCESS STORY

## USAID БАРОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ДОНИШҲОИ КАСБИИ КОРМАНДОНИ МАҲБАСҲО КУМАК МЕРАСОНАД



*Дар акс иштирокдорони Курсҳои бозомӯзӣ ва ихтисоси аввалия*

Дар охири соли 2015, бо дастгирии USAID, 10 нафар корманди соҳаи тиб дар Тоҷикистон оид ба пешбарии табобати беморони гирифтори ВНМО ва нашъаманд омӯзиш гирифтанд.

Бо сабаби норасоии шадиди кормандони тиб, системаи пенитенсиарии Тоҷикистон бо мушкилоти таъмин кардани маҳбусони гирифтори ВНМО бо кӯмаки тиббӣ дучор мешавад. Масалан, 9000 нафар маҳбусшуда аз тарафи 18 духтури дорои маълумоти олӣ ва миёнаи тиббӣ хизматрасонӣ мегиранд. Илова бар ин, кормандони тиббӣ дар бораи пешбарии табобати беморони гирифтори бемориҳои махсус маълумот надоранд. Мисол, барои расонидани кӯмак ба 222 маҳкумшудаи гирифтори ВНМО духтури бемориҳои сироятии ғайринизомӣ аз 19 муассисаи ислоҳӣ дар як сол ҳамагӣ ду маротиба дидан мекунад.

Дар моҳи ноябри соли 2015 ду курси омӯзишӣ оид ба "Вируси ВНМО ва сирояти оппортунистӣ" ва "Нашъаманди, табобат ҷойивазкунанда ва барқарорсозӣ" барои 10 нафар кормандони тиббии муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистон аз ҷониби Лоиҳаи USAID дастгирӣ ёфт.



*Дар акс: Шарипов А.А. - Сардори шӯъбаи бемориҳои сироятии Институти таҳсили баъдидипломии кормандони тиббӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ба мутахассисоне, ки дар омӯзиш иштирок карданд, дипломи Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим карда шуд ва акнун онҳо метавонанд ба беморони гирифтори ВНМО ва нашъамандон кумаки тахассусӣ расонанд. Ҳамчунин муҳим аст, ки мутахассисон категорияи тиббии худро баланд бардошта, музди меҳнаташонро зиёд карда метавонанд.

*"Аксари ташкилотҳои байналхалқӣ семинарҳои гароннарх ва кӯтоҳмуддат мегузаронанд, ки самарабахш нестанд ва барои такмил додани сатҳи дониши мутахассисон ва таъсири ҷиддӣ расонидан нокифоянд.*



Дар акс*:* Шарипов С.Р.- сардори системаи пенитенсиарии Раёсати тандурустии Тоҷикистон

*Курсҳои бозомӯзӣ ва ихтисоси аввалия ба табибони дар зиндон фаъолияткунанда имкон медиҳанд, ки тахассус ва музди меҳнати худро баланд бардоранд,* - мегӯяд Шарипов А.А., сардори шӯъбаи бемориҳои сироятии Институти таҳсили баъдидипломии кормандони тиб.

Бо дастгирии USAID ҳоло маҳкумшудагони гирифтори ВНМО ва истеъмолкунандагони маводи мухаддир метавонанд мунтазам кӯмаки тиббӣ гиранд.

*«USAID ба мо кӯмак расонид, то ба кормандони соҳаи тандурустӣ омӯзиш гузаронем. Аз сабаби норасоии маблағ, чунин омӯзишҳоро мустақилона ташкил карда наметавонем. Мо на ҳамеша метавонем ҳамаи маҳкумшудагони гирифтори ВНМО-ро бо кумаки тиббӣ таъмин намоем, зеро аз мутахассисони соҳаи тандурустӣ танқисӣ мекашем»*, - гуфт Шарипов С.Р.- сардори системаи пенитенсиарии Раёсати тандурустии Тоҷикистон.

Дахолати USAID ҷиҳати баланд бардоштани малакаи кормандони маҳбас кумак расонид ва шумораи мутахассисонеро, ки ба шахсони гирифтори ВНМО ва нашъамандон хизмат мерасонанд, дучанд кард.



*Дар акс:* Розиқов С., табиби ҷарроҳ аз муассисаи ислоҳӣ

*"Ман 12 сол мешавад, ки ҳамчун табиб дар муассисаи ислоҳи кор мекунам. Ҳар як табиб бояд бо гузашти 4-5 сол курсҳои бозомӯзӣ ва ихтисоси аввалияро гузарад. Аммо нархи чунин курсҳо хеле гарон аст ва аксари табибон чунин маблағро дастрас карда наметавонанд. Бо шарофати USAID ман дар омӯзишҳое иштирок кардам, ки бароям имконият фароҳам оварданд дар бораи бемории ВНМО дар сатҳи касбӣ маълумот гирам»*, - мегӯяд Розиқов С., табиби ҷарроҳ аз муассисаи ислоҳӣ.

---

Маълумот: Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» шарики иҷрокунандаи лоиҳаи «Пешгирии ВНМО» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо дастгирии USAID маҷмӯи чорабиниҳоро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони тиббӣ ва ғайритиббии муассисаҳои ислоҳотӣ ҷиҳати васеъ намудани дастрасӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар пешгирии бемории ВНМО байни маҳкумшудагон ва мутобиқшавии собиқ маҳкумшудагон ба ҷомеа дар вилояти Хатлон, амалӣ мегардонад.